# 10. ҚАТЪНОМАИ 77/158 – ЭЪЛОНИ 21 МАРТ ҲАМЧУН РӮЗИ ҶАҲОНИИ ПИРЯХҲО

**Эълон намудани 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо** бо ҳадафи ҷалби ҳамасолаи таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ ба масъалаҳои криосфера (қарори дахлдор баъдтар аз ҷониби Маҷмаи Умумӣ қабул гардид).

Қатъномаи 77/158 ба сифати бесобиқаи дипломатияи сабз арзёбӣ мешавад: нахустин бор пиряхҳо дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун объекти мустақили ҳифз эътироф гардиданд. Бо шарофати роҳбарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи ҷаҳонӣ на танҳо барои ҳифзи криосфера иқдомоти худро муттаҳид кард, балки зарурати равиши низомӣ ба масъалаҳои иқлимро низ таъкид намуд, ки дар он донишҳои илмӣ, ҳамкории минтақавӣ ва иродаи сиёсӣ ба як стратегияи ягона пайванд меёбанд.

Эълони 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо идомаи мантиқии рӯзномаи иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи СММ мебошад. Ин сана ҳамчун як ёдоварии ҳамасола ба аҳамияти криосфера, суръати нигаронкунандаи обшавии пиряхҳо ва зарурати чораҳои фаврӣ барои ҳифзи онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ сабт шудааст.

Ин иқдом дар пайи қатъномаи 77/158 сурат гирифт, ки соли 2025-ро Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон кард. Барои тақвияти таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ, Тоҷикистон пешниҳоди роҳандозии санаи доимии солона - 21 мартро ироа намуд. Ин рӯз ҳам рамзии оғози баҳор ва ҳам оғози марҳалаи нав дар муколамаи иқлимии ҷаҳонӣ мебошад.

Интихоби сана низ дорои аҳамияти рамзист: дар нимкураи шимолӣ 21 март рӯзи баробаршавии баҳориро ифода мекунад, яъне нуқтаи муҳими иқлимӣ мебошад, ки бо оғози обшавии фаъолонаи пиряхҳо дар кӯҳҳо ва минтақаҳои қутбӣ пайванд дорад.

Эълони Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо танҳо як иқдоми рамзӣ нест, балки ҷузъи сохтори васеи иқлимии ҷаҳонӣ мебошад. Ин рӯз ба сифати платформа барои оғоз ва густариши барномаҳои таълимӣ ва илмӣ, баргузории конфронсҳои байналмилалӣ, ҷалби сармоягузорӣ барои тадқиқот, интишори ҳисоботҳо дар бораи вазъи криосфера ва татбиқи стратегияҳои миллӣ оид ба мутобиқшавӣ ба обшавии пиряхҳо хизмат мекунад.

Бо роҳандозии Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо – 21 март, Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як саҳми назаррас ба сиёсати иқлимии ҷаҳонӣ гузошт. Ин иқдом аҳамияти пиряхҳоро ҳамчун захираи стратегии об ва нишондиҳандаи иқлимӣ таъкид намуда, нақши Тоҷикистонро ҳамчун пешоҳанги дипломатияи об ва иқлим дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам мустаҳкам кард.

**Маҷмаи Умумӣ**

Distr.: General
20 December 2022

**Иҷлосияи ҳафтоду ҳафтум**
Банди 18-и барномаи рӯз
Рушди устувор

**Консепсияи қатъномаи қабулшудаи Маҷмаи Умумӣ дар санаи 14 декабри соли 2022**

[бар асоси гузориши Кумитаи Дуввум (A/77/443, банд 32)]

## 77/158. Эълони 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо

*Маҷмаи Умумӣ,*

бо такрор тасдиқ намудани қатъномаи худ 70/1 аз 25 сентябри соли 2015, бо унвони «Табдил додани ҷаҳони мо: Барномаи рӯзномаи 2030 барои рушди устувор», ки дар он маҷмӯи фарогир, дурнамосоз ва ба одамон нигаронидашудаи ҳадафҳо ва вазифаҳои умумиҷаҳонӣ ва ба тағйирот нигаронидашудаи рушди устувор тасдиқ шудаанд, ва бо таъкиди уҳдадории худ ҷиҳати ба таври пайгирона саъю кӯшиш ба харҷ додан барои татбиқи пурраи Барнома то соли 2030, бо эътирофи он ки аз байн бурдани камбизоатӣ дар ҳамаи шаклҳо ва зоҳиршавиҳои он, аз ҷумла камбизоатии шадид, бузургтарин вазифаи ҷаҳонӣ ва яке аз шартҳои зарурии рушди устувор мебошад, ҳамчунин бо таъкиди ӯҳдадории худ ба таъмини рушди устувор ба таври мутавозин ва фарогир дар се ҷанба - иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ - ва бар пояи таҳкими натиҷаҳои бадастомада дар татбиқи ҳадафҳои рушди, ки дар Эъломияи ҳазорсола ифода ёфта буданд, ва анҷом додани тамоми корҳое, ки дар муҳлати муқаррарнамудашуда ноқис мондаанд,

ҳамчунин бо такрор тасдиқ намудани қатъномаҳои худ 53/199 аз 15 декабри соли 1998 ва 61/185 аз 20 декабри соли 2006 оид ба эълони солҳои байналмилалӣ ва қарори Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ 1980/67 аз 25 июли соли 1980 оид ба солҳои байналмилалӣ ва солгарди онҳо, ва махсусан бандҳои 1 то 10-и замимаи он, ки ба меъёрҳои мувофиқшуда барои эълони солҳои байналмилалӣ дахл доранд, инчунин бандҳои 13 ва 14, ки дар онҳо зикр мегардад, ки соли байналмилалӣ ё рӯзи байналмилалӣ то қабули тадбирҳои асосӣ, зарурӣ барои ташкили он ва таъмини маблағгузориаш эълон карда нашавад,

бо таъкид бар он, ки пиряххо яке аз унсурҳои муҳимтарини гардиши гидрологӣ ба шумор меравand ва обшавӣ ва ақибнишинии босуръати

пиряхҳо таъсири ҷиддӣ ба иқлим, муҳити зист, ҳифзи некӯаҳволӣ ва саломатии инсон ва рушди устувор мерасонанд,

бо нигаронӣ зикр менамояд хулосаҳои дар гузоришҳои махсуси «Global Warming of 1.5 °C» («Гармшавии ҷаҳонӣ дар сатҳи 1,5 °С») ва «The Ocean and Cryosphere in a Changing Climate» («Укёнус ва криосфера дар шароити тағйирёбии иқлим»), ки аз ҷониби Гурӯҳи байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим таҳия шудаанд, ироа гардидаанд,

бо такрор таъкид намудани аҳамияти Созишномаи Париж[1] ва ворид шудани бармаҳали он ба амал, бо даъват ба ҳамаи ҷонибҳои Созишнома ҷиҳати татбиқи пурраи тамоми муқаррароти он ва бо даъват ба он ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим[2], ки то ҳол ин амалро анҷом надодаанд, то ҳарчи зудтар ҳуҷҷатҳои дахлдори қабул, тасдиқ, ё пайвастанро ба амонат гузоранд, ва бо таъкид бар он ки раванди татбиқи Барномаи рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 ва Созишномаи Париж якдигарро пурра ва тақвият мебахшанд,

бо қаноатмандӣ қайд менамояд баргузории иҷлосияи бисту шашуми Конференсияи ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, ки дар шаҳри Глазго (Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ) аз 31 октябр то 13 ноябри соли 2021 баргузор гардид, ва иҷлосияи бисту ҳафтуми Конференсияи ҷонибҳо, ки дар шаҳри Шарм-аш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср аз 6 то 20 ноябри соли 2022 баргузор шуд.

бо дарназардошти робитаҳои байни барномаҳои амал оид ба захираҳои об ва иқлим ва имконияти мусоидат ба татбиқи онҳо дар доираи иҷлосияи бисту ҳафтуми Конференсияи ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим ва Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба баррасии миёнамӯҳлати ҳамаҷонибаи раванди татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, бар асоси тадбирҳое, ки ба мутобиқсозии истифодаи захираҳои об ва таҳкими устуворӣ ба зарбаҳо равона шудаанд, инчунин бо ташвиқи таъсиси низомҳои ҳушдордиҳии барвақт, ки маълумоти дастрас, саривақтӣ, боэътимод, ҷудошуда ва мувофиқ ба ҳадафҳоро бо мониторинг таъмин менамоянд, ва бо расонидани дастгирӣ дар соҳаи тақвияти иқтидор ва омӯзиш, бахусус дар кишварҳои рӯ ба рушд,

бо эътироф намудани он, ки дар бисёр минтақаҳои кӯҳистони баланд ақибнишинии пиряхҳо ва обшавии яхбандии абадӣ, мувофиқи пешгӯиҳо, устувории нишебиҳоро боз ҳам бештар коҳиш медиҳад ва шумораи ҳолатҳои обхезӣ бар асари рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ ё бориши борон бар рӯи барф, ярч ва тармаҳо, мувофиқи пешгӯиҳо, зиёд мегардад ва чунин ҳолатҳо дар ҷойҳои нав ё дар фаслҳои дигар ба вуқӯъ хоҳанд пайваст.

---

[1] *Ниг. ба FCCC/CP/2015/10/Add.1, қарори 1/CP.21, замима.*
[2] *United Nations, Treaty Series, vol. 1771, No. 30822.*

бо дарназардошти он, ки дар даҳсолаҳои охир гармшавии ҷаҳонӣ боиси коҳиши умумии криосфера гардида, массаи қабатҳои ях ва пиряхҳо коҳиш ёфт ва пӯшиши барф кам шуд, ки ин устувории минтақаҳои кӯҳистони баландро паст намуда, ҳаҷм ва мавсимияти ҷараёни об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳо бо ғизодиҳии асосан барфу пирях дигаргун сохт, ҳамчунин яке аз омилҳои пастшавии маҳаллии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар баъзе минтақаҳои кӯҳистони баланд, камбуди об, аз ҷумла коҳиши дастрасӣ ба об дар поёноб, ва баландшавии сатҳи миёнаи укёнуси ҷаҳонӣ гардид,

бо дарназардошти он низ, ки идомаи афзоиши ҳарорати ҷаҳонӣ метавонад боиси оқибатҳои ғайриқобили бозгашт барои баъзе экониэомҳои дорои устувории паст, аз қабили экониэомҳои қутбӣ, кӯҳӣ ва делтаҳои соҳилӣ гардад, ки онҳо аз таъсири обшавии қабатҳои ях, пиряхҳо ва пӯшиши барф ва аз болоравии тезшуда ва бештар интизоршавандаи сатҳи баҳр зарар мебинанд,

бо дарназардошти он, ки зарурати гузаронидани инвентаризатсияи ҷаҳонии массаҳои барфу яххои бисёрсолаи мавҷуда бори аввал дар раванди Даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг барои солҳои 1965-1974 эълон шуда буд, баррасӣ гардида буд,

бо таъкид бар зарурати фаврии баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи тадбирҳо ва чораҳои дарозмуддати ҳифзи пиряхҳо ва ташвиқу дастгирии чунин чораҳо, аз ҷумла дар ҳолати зарурӣ бар асоси ҳамкории фаромарзӣ, инчунин идоракунии мукаммали пиряхҳо дар ҳамаи сатҳҳо,

бо эътироф намудани аҳамияти ташаббусҳои вобаста ба криосфераи Замин барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028,

1. бо дарназардошти натиҷаҳои Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, ки аз 6 то 9 июни соли 2022 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид ва дастгирии ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба эълон намудани Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо дар соли 2025 таъмин намуд, ва бо сипосгузорӣ ёдовар мешавад аз ниятҳои иброзгардида ҷиҳати тақвияти механизми байналмилалӣ барои осон кардани дастрасӣ ба иттилооти дақиқ ва саривақтӣ оид ба криосфера,

қарор мекунад соли 2025-ро Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон намояд ва 21 мартро ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо муқаррар кунад, ки таҷлил аз он аз соли 2025 оғоз хоҳад ёфт;

2. пешниҳод менамояд ба ҳамаи давлатҳои аъзо, ташкилотҳои низоми Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла созмонҳои ғайриҳукуматӣ, шахсони алоҳида ва дигар ҷонибҳои дахлдор, ки ин Соли байналмилалӣ ва Рӯзи ҷаҳониро ба таври шоиста дар ҳамаи сатҳҳо таҷлил намоянд, тавассути ташкили чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи

аҳамияти пиряхҳо, пӯшиши барф ва ях дар низоми иқлим ва гардиши гидрологӣ, инчунин дар бораи таъсироти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ аз тағйироти дар пешистодаи криосфераи Замин равона шудаанд, ва ҳамчунин бо мубодилаи таҷрибаҳои пешрафта ва донишҳо дар ин соҳа.

3. ба Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) ва Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ, хотиррасон намуда ба муқаррароти замимаи қатъномаи 1980/67 Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дар ҳамкорӣ бо ҳукуматҳо ва ташкилотҳои дахлдори низоми Созмони Милали Муттаҳид, пешниҳод менамояд, ки барои баргузории Соли байналмилалӣ ва таҷлили Рӯзи ҷаҳонӣ мусоидат кунанд, чораҳои заруриро ҷиҳати ташкили фаъолиятҳо дар чорчӯби ин сол ва ин рӯз андешанд ва пешниҳодҳои дахлдорро оид ба тамоми чорабиниҳо таҳия намоянд, бо мақсади дастгирӣ ба давлатҳои аъзо дар баргузории сол ва таҷлили рӯз;

4. бо қаноатмандӣ қайд мекунад пешниҳоди саховатмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба баргузории Конфронси байналмилалӣ дар мавзуи ҳифзи пиряхҳо дар соли 2025 дар Тоҷикистон ва ба уҳда гирифтани хароҷоти марбут ба он;

5.пешниҳод менамояд ба ҳукуматҳо, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, гурӯҳҳои асосӣ, дигар ҷонибҳои дахлдор ва донорон, ки бо ихтиёри худ ба фонди мақсадноки дастгирии фаъолияти вобаста ба ҳифзи пиряхҳо саҳм гузоранд, ки ҳамоҳангсозии онро Дабири кул дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои дахлдори низоми Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла ЮНЕСКО ва Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ, анҷом хоҳад дод, бо мақсади мусоидат ба кишварҳо дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба обшавии тезшудаи пиряхҳо ва пайомадҳои он;

6.таъкид менамояд, ки хароҷоти тамоми чорабиниҳое, ки метавонанд дар робита ба татбиқи қатъномаи мазкур баргузор шаванд, бояд аз ҳисоби саҳмҳои ихтиёрӣ, аз ҷумла саҳмҳои ихтиёрии бахши хусусӣ, пӯшонида шаванд;

7.ба ЮНЕСКО ва Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ, хотиррасон намуда ба муқаррароти бандҳои 23-27 замимаи қатъномаи 1980/67 Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешниҳод менамояд, ки Маҷмаи Умумиро дар ҷаласаи ҳаштоду якум ва ҷаласаҳои минбаъда дар бораи татбиқи қатъномаи мазкур, аз ҷумла дар бораи арзёбии баргузории Соли байналмилалӣ ва таҷлили Рӯзи ҷаҳонӣ, иттилоъ диҳанд;

8. аз Дабири кул хоҳиш мекунад, ки қатъномаи мазкурро ба ҳамаи давлатҳои аъзо, ташкилотҳои низоми Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ҷонибҳои дахлдор, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва доираҳои илмӣ, расонад, то шароити лозим барои баргузории шоистаи Соли байналмилалӣ ва таҷлили Рӯзи ҷаҳонӣ фароҳам оварда шавад.

*Ҷаласаи 53-юми пленарӣ*
*14 декабри соли 2022*